# 1 октябр



## Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён

### Ҷон тасаддуқ...

*Васфатон дар нутқу шеъру байту достони ҳама,*
*Ҳарфатон роҳат бубахшад бар тану ҷони ҳама.*
*З-уқдаҳои зиндагӣ мифтоҳи ақл ояд ба даст,*
*Во шавад ҳар ҷову ҳар дам қулфи армони ҳама.*
*Ҳар ниҳоли бесамар аз эътибор афтад ҳаме,*
*Хулқу атвору амал меъёри виҷдони ҳама.*
*Мӯътабар ҳаргиз нагардад кӯдаке аз пеши худ,*
*Ҳар сухан, ҳар панди доно саҳни ҷавлони ҳама,*
*Қуллаҳои шӯҳрату шаъну шарафро то расем,*
*Заҳмате бас мекашем аз баҳри дармони ҳама.*
*Умри инсони шариф шодоб аз илми шумо,*
*Гул кунад нахли муроди давру даврони ҳама,*
*Ҷон тасаддуқ аз барои ҳарфатон устодҳо,*
*Рӯзу шаб ҳастед адои халқу қурбони ҳама.*

**Нормурод КАРИМЗОДА,**
ноҳияи САМАРҚАНД.

# Сӯҳбати ҷонпарвар аст сӯҳбати омӯзгор!

## «...Ҳаққи устод — бузургтар»

Касбу кори олам аз мӯи сар ҳам пур. Аммо олами омӯзгорон оламест кашфнашуда. Ба ин маънӣ кашфнашуда аст, ки дар ҳаққи ӯ бисёр гуфтаанд ва боз мегӯянд. Вале ягон асаре ё ҳикмате олами устодро комилан кашф карда наметавонад; азобу роҳати ин пешаи пурмасъулро то ҳанӯз ягон кас ба назарам, ба таври бояду шояд ифода карда натавонистааст.

Масалан, бузургони устоддида дар ҳаққи устод, аз ҷумла, гуфтаанд: «Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод — бузургтар». Ё ки «Ду гуруснае ҳаргиз сер нашаванд: гуруснаи илм ва гуруснаи мол». Ин гуна панду андарз, мақолу зарбулмасал, шоҳбайтҳою асарҳои бузург он қадар бисёранд, ки худи шумо—устодон ва мураббиёни азиз, медонед...

То омӯзгор зинда аст, ҳамарӯза меомӯзаду меомӯзонад. Як умр меомӯзад, то ки ташнагии ба илмомӯзӣ доштаи насли наврасро шикаста тавонад. Мехоҳад усулу услуби ҳар як дарсаш ба ягон асари тозаи мутолианакарда шабоҳат дошта бошад, вагарна услуби яксони ӯ хонандагони хурду калонро аз мактаб дилгир мекунад. Сипас ӯ китобҳои нав, маҷаллаву рӯзномаҳои тоза, дастурҳои методии ин ё он ҳамкасбашро мехонад. Баъд аз рӯи барномаи таълим ин ё он мавзӯи наврo батакрор мутолиа мекунад, то ки фардо ба шогирдонаш аз олами илм гапи тозае бигӯяд. Барои ташнагии илмомӯзии шогирдонро шикастан омӯзгорон ҷисмани рӯҳан азият кашида, пайваста дар хусуси дарси яксоатаи ҳадафрас фикру андеша мекунанд, ба ҷуз китобҳои дарсӣ садҳо китобу дастурҳоро варақ мезананд. Бале, гарон аст дарси яксоатае, ки ба як асари нав ҳамсанг шуда тавонад. Чаро маҳз омӯзгор аз ҳисоби сӯхон задани бинои умраш ҳамарӯза мехонад, меомӯзад?! Шояд Худованди карим аз азал пешаи омӯзгорро бо чунин низом офаридааст.

Шумо, аксарияти устодони азиз, таърихи касби омӯзгориро медонед. Медонед, ки дар ҳар гуна сохтори давлатдорӣ тарзу тариқи дарсгӯӣ тағйир меёбад. Тарзи дарсгӯии даврони шӯравиро аз сар гузаронидед. Инак, тарзи дарсгӯии айёми навро 12 сол боз меомӯзед. Қонунҳои нави ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дастури миллии тайёр кардани кадрҳо», «Дар бораи таълим», «Дар бораи забони давлатӣ» ва ғайраву ҳоказоро варақ зада, ҳар кӣ ҳар хел хулоса мебарорад.

Инак, Ӯзбекистон бо роҳи иқтисоди бозор давлати ҳуқуқбунёди демократӣ барпо мекунад. Афкори на танҳо насли наврас, балки афкори шаҳрвандони ҷумҳурияти сермиллатро тағйир додан лозим. Магар мафкураи пиру барноро тағйир додан осон аст?! Дар ин ҷода низ кору бори устодон, мураббиёни боғчаву мактаби таълими умумӣ, миёнаи махсус, коллеҷҳо ва донишгоҳҳои олӣ назар ба дигар соҳибони касбҳо бештар аст, гӯем муболиға намешавад.

Омӯзгороне мегӯянд, ки имрӯз ё фардо ба нафақаи пирӣ мебароянд, вале дар дил орзуи ширине мепарваранд: «Кош, боз омӯзгори ҷавонтар мешудам, усулу услуби таълимдиҳиро ба куллӣ тағйир медодам». Албатта, на ҳамаи омӯзгорон бо чунин ақида ба синни нафақа расида, аз остонаи мактабу донишгоҳҳо берун мебароянд. Банда аз рӯи вазифа солиёни зиёдест, ки ба мактабу донишгоҳҳо рафта, бо устодони асил ҳамсӯҳбат шуда, коғаз сиёҳ кардаам. Вале дар ин ҷо номи на ҳамаи онҳоро ба забон овардан мумкин. Бешуморанд ин гуна устоду мураббиён. Бо баъзе мулоҳизаҳо номи ягон нафари онҳоро ба забон намегирам. Аз он метарсам, ки номи яке аз устодони асил аз забон ғалтад. Дар рӯзи ид низ дар ҳамин андешаам.

...Аз ин фурсати муносиб истифода бурда, ба кулли устодон, донишҷӯён ва ҳамаи шаҳрвандонеро, ки хонанда ва мухлиси доимии «Овози тоҷик»-анд, аз сидқи дил изҳори миннатдорӣ карда, бо иди фархундаашон аз сидқи дил табрику таҳният мегӯям.

Ба шумо, устодон ва мураббиёни гиромӣ, тансиҳатӣ, дар кори пурмасъултаринатон комёбиҳои беназир орзумандем!

**Бекназар ТӮЙНАЗАРОВ,**
**муҳаррири шӯъбаи давлат, ҳуқуқ, ахлоқ ва маънавияти «Овози тоҷик».**



*Шукри худо мегӯем, ки дар сарзамини мо ҷавононе ба воя мерасанд, ки онҳо донишманд, меҳнатдӯст, ватандӯст, равшанфикр, меҳрубон ва хоксор буда, баҳри амалӣ гардонидани ҳар гуна тадбирҳои нек дар сафи пеш ҷасурона қадам мениҳанд.*

—Агар муҳити маърифатгоҳ хуб набошад,—мегӯяд директори мактаби рақами 9-и ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд,—самараи кори омӯзгорон бад мешавад. Алҳол дар мактаб 43 омӯзгор ба насли наврас таълиму тарбия медиҳанд. Ман, ҳамчун роҳбари мактаб, сараввал хулқу атвор ва маҳорати касбии омӯзгоронро дар тарозуи ақл баркашида, ба ҳар як омӯзгор мувофиқи самараи кораш муносибат мекунам. Ба қадри омӯзгорони хуб мерасам. Агар ҳамин тавр накунам, чи тавре ки дар боло зикр кардам, муаллимони бад дар сояи муаллимони хуб гашта, ба қавле, давру даврон меронанд. Хушбахтона,

# Муҳити бафайзи Навобод

ҳамин гуна услуби корбарӣ натиҷаи хуб дод. Ҳоло 43 омӯзгор, агар ҳамин тавр гуфтан раво бошад, ботинан мусобиқа мебаранд. Кӣ беҳтар дарс медиҳад? Кӣ беҳтар пайваста ба машғулиятҳои ҳамарӯза тайёрӣ мебинад? Ин муҳим аст. Чунки кори омӯзгорӣ осон нест. Алалхусус, дар шароити иқтисоди бозор. Ҳар як омӯзгор медонад, ки агар маҳорати касбиаш баланд бошад, роҳбар дарси бисёр медиҳад. Бад бошад—кам.

...Ман ба деҳаи Навобод на як бору ду бор омадаам. Мактаби 9-ум дар маҳаллаи Навобод аст, дар як қитъаи ширкати «Мустақилияти Ӯзбекистон». Аз ин рӯ, дар идораи раиси кумитаи маҳаллаи Навобод Мадғиёс Рабиев дар ҳар мавзӯъ сӯҳбат кардем. Ӯ таъкид мекард, ки хонандагони ноболиғ сараввал ба омӯзгорон ва сокинони маҳалла тақлид мекунанд. Ба рафтор ва кирдори шоиста ё ношоистаи калонсолон сарфаҳм нарафта аз пайи онҳо мераванд.

Ин аст, ки мо бо директори мактаб ва омӯзгорон сари чанд вақт ҷамъомад гузаронда, дар мавзӯъҳои муҳим сӯҳбат мекунем: «Фароҳам овардани муҳити накӯи зиндагӣ», «Муҳити покиза яке аз омилҳои муҳими тарбияи хонандагон» ва амсоли инҳо.

—Чаро маҳз дар бораи муҳити зист бештар мубодилаи афкор мекунед?—мепурсам аз раиси кумитаи маҳалла.

—Ба умеди фардо,—мегӯяд ӯ,—агар оҳанро дар гармогармиаш накӯбем, дер мешавад. Ҷавонони ноболиғ ба ҳар гуна роҳҳои номатлуб рафтанашон мумкин. Чӣ хушбахтист, агар насли наврас бо роҳи матлуб рафта, ҳамаҷониба тарбия ёфта, ба камол расанд, волидон ва умуман сокинони деҳаро эҳтиром кунанд. Агар худо накарда, муҳити зист ғализ бошад, ҷавонон «белаҷом» шуда, на ба гапи омӯзгор медароянду на ба гапи сокинони деҳа. Охир, мо фарзандонро ба умеде ба воя мерасонем, ки дар оянда аз гиребони калонсолон нагиранду Навободро обод кунанд.

Дар шароити иқтисоди бозор на танҳо тафаккури мардум, балки тафаккури хонандагон низ тағйир меёбад. Аз ин рӯ, мо аз он чиз метарсем, ки ҷавонони имрӯза барои «пулкоркунӣ» ба роҳи бад нараванд. Такрор мекунам, пули бедардимиёни бадастовардаи ҷавонон ва калонсолон ҳам муҳити Навободро хароб мекунад...

Вақте ки бо муаллими тарбияи ҷисмонӣ Содиқ Содиқов вохӯрдем, ӯ низ дар боби тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас изҳори ақида кард:

—Агар насли наврас ҷисман обутоб ёбанд, бешубҳа, дарси омӯзгоронро ба хубӣ фаҳмида, бо тани сиҳату ақли солим кору зиндагӣ мекунанд. Нияти мо, омӯзгорон, асосан—ҳамин. Ҳоло дар мактаб 710 нафар хонанда таҳсил мегиранд. Мувофиқи барномаи таълим ба ҷуз дарси тарбияи ҷисмонӣ, аксари хонандагон ба машғулиятҳои беруназсинфӣ ҷалб карда шудаанд. Гурӯҳе ба футбол шавқ дошта бошанд, гурӯҳҳои дигар ба гӯштини фарғонагию шоҳмот майл доранд. Хуллас, тарбияи маънавию ҷисмониро, агар баробар барем, аз оғӯши мактаб ҷавонписару духтарони болиғе ба арсаи ҳаёти мустақилона мебароянд, ки ҳаматарафа ба камол расидаанд. Ин нуктаро ҳамаи мо аз таҷрибаи чандинсолаамон медонем ва азоб кашем ҳам, ба таълиму тарбияи мактаббачаҳо ҷиддан мекӯшем.

Ширкати мазкур асосан пахтакорию ғаллакорӣ мекунад. Хонандагони синфҳои боло дар мавсими пахтачинӣ ва ғаллапарварӣ ба падару модаронашон ёрӣ мерасонанд. Яъне дар кӯраи меҳнат низ обутоб меёбанд.

Ҳангоми бо омӯзгорону хонандагон вохӯрдан ҳис мекардам, ки суханони мусоҳибонам ғалат набудааст. Навободиён ҳамнафаси давру замон зиндагӣ мекунанд. Бо дили гарм кор мекунанд, мехонанд, ба тарбияи ҷисмонӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Дар тӯли як рӯзе, ки дар Навобод будам, аз муҳити зисти хуби фароҳамовардаи омӯзгорон ва сокинони маҳалла ботинан ба ваҷд меомадам. Ва чунин муҳити гуворою бафайз ва муттафиқии сокинони деҳа бароям гӯё қуввату мадори тозае ато мекарданд.

**Ғ.БЕКНАЗАРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Тошканд.**

*Арзи сипос*

# Хештаншинос



Хизмати устод Толиббой Қазоқов ҳам дар роҳи тарбия ва босавод намудани насли наврасии ӯхмиён хеле калон аст. Вай зиёда аз 33 соли умрашро ба кори таълиму тарбияи ҷавонон сарф намуд. Дар ин муддат ба ҳазорҳо нафар ҷавонон илму адаб омӯхтааст, ки имрӯз онҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бо муваффақият кор мекунанд.

Зиёда аз 80 фоизи муаллимҳои мактаби 3-юми деҳаамон шогирдони ин марди асиланд. Камина низ шогирди Толиббой Қазоқов мебошам.

Дар дили ман шӯълаи меҳру муҳаббат нисбати миллат ва забони модарӣ афрӯхтаи ин марди асил боис шуд, ки баъди хатми мактаб донишҷӯи факултаи филологияи тоҷики ДДС шавам.

Ба ростӣ, ман ҳар як соати дарси ӯро бесаброна мунтазир мешудам. Ҳатто, агар вақти дарс каме дер ояд, тоқат накарда, дари синфро кушода омадани ӯро мунтазир мешудам...

Толиббой Қазоқов то ба устоди меҳрубони шогирдон, омӯзгори пешқадаму соҳибтаҷриба шуданаш роҳи хеле пурмашаққатеро тай намудааст. Таълими ибтидоиро дар мактаби 7-солаи рақами 24-и ба номи И.В.Сталини деҳаамон гирифта, аз сабаби набудани мактаби миёна дар деҳаамон роҳи 22 километраро тай намуда, ба деҳаи Синтаб рафта, дар мактаби миёнаи рақами 27 ба номи А.С.Пушкин таҳсилро давом додааст. Соли 1958 мактабро хатм мекунад.

Дар он солҳо барои донишҷӯи мактабҳои олӣ шудан собиқаи корӣ лозим буд. Аз ҳамин сабаб дар совхози «Фориш» коргари оддӣ шуда, арақи ҷабин рехт. Баъди як сол ба факултаи филологияи тоҷик ва таърихи Донишкадаи омӯзгории Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи К.Хуҷандӣ) ҳуҷҷат супорида, аз имтиҳонҳои қабул бомуваффақият мегузарад. Соли 1964 донишкадаро хатм намуда, ду сол дар мактаби рақами 9 ба номи Свердлови ноҳияи Панҷакент кор мекунад. Баъди гирифтани диплом соли 1966 ба зодгоҳи худ омада, дар мактаби миёнаи рақами 14 ба номи С.Айнӣ муаллим шуд. Соли 1970 вайро мудири қисми таълими мактаб интихоб мекунанд. То соли 1977 дар ин вазифа кор мекунад. Соли 1977 дар деҳаамон мактаби сеюмин—мактаби миёнаи рақами 46 ба номи А.Ҷомӣ кушода мешавад. Т.Қазоқовро ба директории ин мактаб интихоб мекунанд. Вай дар ин вазифа 6 сол кор карда, соли 1982 боз ба мактаби назди хонааш—мактаби рақами 14 ба номи С.Айнӣ муаллими оддӣ шуда ба кор меояд ва то ба нафақа баромадан, яъне то соли 1997 дар ҳамин мактаб кор кард.

Дар давоми фаъолияти педагогиаш борҳо ба гирифтани ифтихорномаҳои шӯъбаи маорифи халқи ноҳия ва вилоят муяссар шудааст.

—Чӣ сабаб шуд, ки пешаи омӯзгориро интихоб кардед?— пусидам аз ӯ.

Дар ҷавоб гуфт:

Ман ин касбро аз хурдиам дӯст медоштам. Мехостам ба мисли устодонам Ҷавлон Ҷӯраев, Муллоқӯчқор Турсунов, Ҳоҷимурод Элмуродов муаллим шавам. Зеро он вақтҳо дар мактабҳо муаллим намерасид. Муаллим дар байни халқ обрӯю эътибори калон дошт. Ҳама ҳурматаш мекарданд. Ягон кас агар тӯй ё маъракае кардани бошад, ҳатман аз муаллим маслаҳат мепурсид.

Аммо имрӯзҳо кор ранги дигар гирифтааст. Муаллим ба замми чунин меҳнатҳои пурмашаққаташ, бедорхобиҳою ҷонканиҳояш баҳри таълиму тарбияи фарзандони халқ маоши ночизе мегирад.

Он вақт дар деҳаамон фақат мактаби 7-сола буд. Ҳар кас, ки дар оянда нияти хонданравӣ дошт, бояд роҳи 22 километраро тай карда, ба деҳаи Синтаб рафта, таҳсилро дар мактаби миёнаи рақами 27-и ин деҳа давом медод. Охир Саъдии бузург беҳуда нагуфтааст:

**Бе азми дурусту саъйи комил,**
**Касро нашавад мурод ҳосил.**

Дар ҳаёти шахсӣ низ Т.Қазоқов сарвари меҳрубони як оилаи калон аст. Ҳамаи ҳамдеҳагон ба оилаи вай бо чашми ҳавас менигаранд. Бо янгаи Яхшигул 10 нафар фарзанд—5 писару 5 духтарро ба камол расонданд...

Толиббой Қазоқов ба нафақа баромада бошад ҳам, бекор нест.

Вай имрӯз раиси кумитаи падару модарони мактаби миёнаи рақами 14 ба номи С.Айниро дар ӯҳда дорад. Ба муаллимҳои ҷавони мактаб маслиҳат медиҳад. Яке аз фазилатҳои неки Толиббой Қазоқов он аст, ки ӯ дӯстдори фарҳанг ва забони бою ғании тоҷикон аст. Ҳамеша бо фахр ҳарф мезад, ки мо фарзандони як халқи бузургем.

Ва таъкид мегард, ки

**Аз миллату аз забони худ ёд кунед,**
**Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.**
**То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,**
**Дунёи варо тоҷикӣ бунёд кунед.**

Дар ин рӯзи саид устоди азизамро аз сидқи дил табрику таҳният мегӯям.

**Фарҳоди МАҲМУД,**
деҳаи Ӯхми
ноҳияи ФОРИШ.

# Ҳамқадами замон

Мӯсобой Гадоев аз зумраи ҳамин гуна омӯзгороне мебошад, ки дар шуури хонандагони имрӯза ҳисси ватандӯстӣ, ғояҳои истиқлолият, хислатҳои неки умумиинсониро ташаккул дода, баҳри баланд бардоштани дараҷаи дониши онҳо пайваста кор мебарад.

Мӯсобой соли 1985 мактаби рақами 5 (собиқ рақами 13)-и ба номи А.Саидбековро бо «медали тилло» хатм намуд. Ҳамон сол ба Донишкадаи омӯзгории ба номи устод С.Айнии Самарқанд, факултаи физика-информатика дохил шуд. Солҳои 1986-88 хизмати ҳарбиро дар ҳудуди Афғонистон адо намуд.

Фаъолияти омӯзгориашро дар мактаби рақами 4-и ноҳия оғоз намуда, ба шогирдонаш аз фанни физика сабақ дод. Омӯзгори ҷавон дар муддати кӯтоҳ дар байни омӯзгорони ноҳия ба сифати омӯзгори пешқадам, навовар, эҷодкор шинохта шуд. Инак, таи чанд сол аст, ки ӯ дар литсеи бачагони иқтидорноки рақами 2-и ноҳия ба сифати муаллими физика фаъолияти худро давом медиҳад.

Мӯсобой Гадоев дар давоми фаъолияташ дар озмунҳои «Аёниятҳои беҳтарин», «Хониши педагогӣ», «Мақолаи методии беҳтарин» ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ишғол намуд. Ғолиби озмуни «Муаллими соли—99»-и ноҳия аст. Муаллифи як қатор мақолаҳои методӣ ва тарбиявӣ буда, онҳо дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ рӯи чопро мебинанд.

Муаллими ҷавон Мӯсобой Гадоев борҳо бо Ифтихорномаи шӯъбаи маорифи халқи вилоят сарфароз гардид.

—Мувофиқи давру замон усулу услуби дарсдиҳиро тағйир надиҳем,—мегӯяд омӯзгори ботаҷриба,—тафаккури хонандагони имрӯзаро тағйир додан корест мушкил.

Оре, муаллими ҷавон масъулиятшинос ва эҷодкору эъзозкор аст!

**Воҳидҷон АҚРАБОВ,**
**мудири хонаи методии шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Сӯх.**

# Нияти нек

Фарзанди шумо фарзандони мо ҳам. Агар хоҳед, ки фарзандонамон солиму бардам ба камол расанд, эрка накунед. Кор фармоед!

—Кӯдаки шумо мисли ниҳоли кӯчак асту шумо боғбон. Ниҳолро дар чор фасли сол тарбия накунед, самар намедиҳад. Кӯдак ҳам мисли ниҳол аст,—бо дилсӯзӣ сухан мегуфт Абдулло Ашӯров дар маҷлиси падару модарон.

Абдулло Ашӯров баъди хатми мактаби миёнаи №5 солҳои 1971-73 дар омӯзишгоҳи тарбияи ҷисмонии Тирмиз таҳсил гирифта буд. Вале донише, ки аз омӯзишгоҳ гирифта буд, Абдуллоро қонеъ гардонда наметавонист. Аз ин рӯ вай факултаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии шаҳри Тошкандро низ ғоибона хатм кард. Сокинони деҳаи Қарабӯйин Абдуллои омӯзгорро бо як овоз ба вазифаи пурмасъулият—раиси кумитаи маҳалла интихоб карданд. Вай солҳои 1993-96 ин вазифаро низ сарбаландона ба сомон расонд.

Алҳол омӯзгор дар мактаби 33-юми ба номи устод Айнии зодгоҳаш кор мекунад.

—Муаллим, дар ташаккули хислатҳои нек аз киҳо сипосгузор ҳастед?—суол медиҳам ба ӯ.

—Аввало, шукри худо мегӯям, ки дар дунё одамони нек бисёранду зиндагиам ба шарофати онон рангу бӯи тоза пайдо кард. Дигар оқиле чунин мегӯяд:

**Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,**
**Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.**

Дар тӯли фаъолияти сисолаам барои нафъи ҷамъият хизмат карда бошам, пеш аз ҳама, аз устодони асилам С.Атоев, Р.Қосимов, Ғ.Бӯриев, Р.Бадаловҳо сипосгузор ҳастам,—мегӯяд Абдулло Ашӯров, ки худ алҳол устоди садҳо нафар ҷавонписару духтарон ва омӯзгорони ҷавон мебошад.

—Тани сиҳҳат, беҳи давлат,— андешаманд лаб ба сухан мекушояд Абдуллои зиндадилу зиндагишонос.— Ҳамдеҳагон ҷисман солиму бардам бошанд, ба орзуяшон мерасанд.

**Раҳматуллоҳи ШОҲИМАРДОН,**
**ҷонишини директори мактаби 33-юми ноҳияи Бойсун.**

# Мақсади директор

Ман ба мактаби умумии 122-юми ноҳияи Ургут ворид шудаму дар утоқи бо аёниятҳо саросар муҷаҳҳазёфтаи методӣ бо директор Мақсад Ғаффорзода роҷеъ ба масоили таълиму тарбияи хонандагон ва ҳаёти пурмашаққати устоду мураббиён гуфтугузор кардам.

Ва ин ҷавонмарди қоматбаланду кушодрӯю нахуст бо шигифту тааҷҷубу таҳайюр оиди ҳангомаю кӯргиреҳи иқтисоди бозаргонӣ, ки иддае ашхоси соҳибмаълумот аз ваҷҳи эҳтиёҷи моддиро қонеъ насохтани музди ночизи заҳмати муаллимӣ дипломи донишгоҳи олиро ба кунҷи фаромӯшӣ ниҳода, сӯи корҳои ба тахассус тааллуқнадошта, аз қабили савдогарию фурӯшандагӣ рӯ меоваранду ба ҳикмати «номи олӣ —суфраи холӣ» ҳатти батлон мекашиданд ва вобаста ба рахнаёбии пояи иқтисод дуҷанд пастравии сатҳи зиндагонии маорифпарварон, ки фаразан дар тӯли моҳе 72 соат (ҳафтае 18-соатӣ) ба мактабиён дарс диҳанд, 6600-6800 сӯм моҳона мегиранд ва табақаи сердаромади аҳолӣ ба ҳоли ночори онон бо тамасхур чашм медӯзанд-нисбати ин соҳаи имдодталаб ошкоро изҳори ақида мекунанд.

Ба замми ин, Мақсад Ғаффорзода аз номувофиқатии мавзӯъҳои барномаи наву китобҳои кӯҳнашудаи дарсии адабиёти муосири тоҷики синфҳои V-X (на адабиёти ниёгон!), норасоии аёнияту қимматии васоити таълим ва асбобу ашёҳои тадрис, душвориҳои таъмири ҳарсолаи синфхонаҳои дабиристон гила мекард. Ҳамчунин аз аҳволи одамони нодору табоҳ, серхарҷии тӯю таъзия, тарбияи бархе бачагони дарскимобу гапнодаро, баъзе намоишҳои беҳадафи видеоюҷаҳоннамо, гусастани риштаи дӯстии мактабу оила, ба боди фано рафтани авроқи рангини бунёди худомӯзии иддае мураббиёне, ки аз истеъдоду қобилияти эҷодӣ фарсаххо дуранд, дилсӯзона сухан меронду ба умқи андешаю маънӣ фурӯ мерафт.

Мақсад Ғаффорзода ҳини сӯҳбат бо камина аз устувории асоси сулҳу амонии кишвари маҳбуб ифтихор мекард. Ва «шиква аз зидагӣ далели нотавонист», гӯён як саргузашти таъсирбахши Шайх Саъдии суханварро ба ман ёдрас намуд: «Ҳаргиз аз даври замон нанолида будам ва рӯй аз гардиши осмон дарҳам накашида, магар вақте ки поям бараҳна буд ва иститоати (қудрати харидани) пойпӯше надоштам. Ба ҷомеаи Кӯфа даромадам дилтанг, якеро дидам, ки пой надошт. Сипоси неъмати ҳақ ба ҷой овардам ва бар бекафшӣ сабр кардам».

—Инсон,—инони сухан ба даст гирифта ҷонибам нигоҳ мекунад тарбиятгар М.Ғаффорзода,—набояд аз мушкилоти ҳаёти пурталотум ҳаросад, маънии зиндагиро дар шикасту тӯфону фарозу нишебиҳо устуворӣ пеша кардан бидонад, ҳангоми кушодани гиреҳҳои зиндагӣ ба чоҳи яъсу ноумедӣ наафтанд. Вале, сад афсӯс, иддае шахсони бевиҷдони нафспарвар—ба ризқу насибаи бутуни хештан қаноат накарда, ба нони дигарон чашм ало мекунанд. Чашмгуруснаанд. Дар ин боб оқиле мегӯяд. «Мафҳуми ҳаёт хӯрдану хуфтан набуда, талошу ҷидду ҷаҳд кардан ва чизе ба ёдгор гузоштан аст».

...Мақсад Ғаффорзода шӯълаи орзуи омӯзгор шуданро дар дил ҳанӯз овони наврасӣ афрӯхта буд. Ва ҳамин меҳри таҳсил ӯро пас аз хатми мактаби миёна соли 1975 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики Дорулфунуни Самарқанд овард. Хулоса, ӯ панҷ баҳори нозанини умри ҷавониашро ба ин минвол дар арсаи асрорангези хонишу имтиҳон ба харҷ дод: соли 1980 дипломи мактаби олиро ба даст гирифт. Ва худи ҳамон сол тибқи мароми илмро ба амал пайвастан ба маърифатгоҳи 5-уми тоҷикии ноҳияи Ургут зимни сабақдиҳӣ аз лафзи ширини модарию адабиёти ҳазорсолаи дилангези мо ба кор омад: машаққатҳои тоқатшикану асабхаробкунандаи омӯзгориро бо чашми худ дид ва асло дудила нашуда ба таълиму тарбияи насли наврас камари ҳиммат бубаст.

Ва бо нияти ҳаллу фасли ин амалиёт соли 1987 таълимгоҳи наве маҳз бо ташаббуси М.Ғаффорзода дар қисмати ғарбии гузари Торинҷаки калон чун «гулдӯзии домони кӯҳистон» қад афрохту вақти таъсисёбӣ 300 нафар писару духтарони мардумро ба оғӯши тадрис гирифт, ки ҳоло шумораи мактабиён ба 580 нафар расидааст.

—Ин маскани илму маърифат кунун 17-то синфхона дорад. Пешбурди дарсҳо дар синфҳои I-XI дар ду баст ба миён меоянд,— қайд мекунад сарвари мактаби миёнаи 122-юми ноҳияи Ургут, мураббии мушкилписанд Мақсад Ғаффорзода.

(Давомаш дар саҳ.4)

Ситорагони маънавият

# Пазмони Ватан

Дар осмони маънавияти халқҳои Шарқ ситорагоне, ки аз Андиҷон баромадаанд, низ ҷило доранд. Яке аз онҳо Заҳириддин Муҳаммад Бобур аст. Ӯро на фақат халқҳои Осиёи Марказӣ, балки кулли маърифатхоҳони олам ҳамчун яке аз симоҳои ба назар намоён эътироф кардаанд.

Наврасӣ ва ҷавониҳои ӯ бо сарсонӣ гузашт. Муҳит ва шароити тезутунд во медошт дар мусофират рӯзгори пурталотумеро аз сар гузаронад. Чанд сол дар Афғонистон умр ба сар бурд, вопасин нафасҳои зиндагӣ дар Ҳиндустон кашид, ва ӯ, агарчӣ саркарда ва лашкаркаши музаффаре буду бисёр мамолик тахти тасарруфаш гузаштанд, ҳамчун императори бузург эътироф гашт, дар таърих на ҳамчун забткори харобиовар, балки чун бунёдкору ободгар номи худро бо накӯӣ сабт кард.

Фарзанди арҷманди Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Неҳру гуфтааст: «Бобур шахси дилбаре буд». Таваҷҷӯҳ намоем ба калимаи «дилбар»: дар таҳти он, қабл аз ҳама, сурати қалб намоён мешавад.

Бобур аз сафи он сухангустароне қарор дорад, ки мероси илмию адабии халқи худро то ба дараҷаи мулк ва мероси ҷаҳониён бардоштан саҳм гирифтаанд.

Падари ӯ Умаршайх Мирзо ҳукмдори соҳибмаърифат буд ва ба таълиму тарбияи фарзанди худ аз таҳти дил кӯшид. Умаршайх забони арабиро хуб медонист, аз адабиёти форсу тоҷик бархурдор буд, аксар «Шоҳнома» мехонд. Баъде, ки ӯ аз олам гузашт, Шайх Мазидбек ва Бобоқулбек барин қарибонаш тарбияи Бобури ҷавонро ба ӯҳда гирифтанд. Ин шахсони аз адабиёти форс огоҳ меҳри ин адабиётро низ ба қалби вай рехтанд ва дар баробари забони модарӣ Бобур ба форсӣ низ сухансанҷӣ мекард. Фарзандонаш Фахруннисо, Ҳумоюн Мирзо, Комрон Мирзо, Мирзо Аскарӣ, Мирзо Ҳиндол, Гулбаданбегим, Гулчеҳрабегим дар баробари туркӣ бо форсӣ низ озод ҳарф мезаданд ва мисли падар бо ин забон шеърҳои дилпазир мегуфтанд.

Даврае, ки Бобур зиндагӣ кард, ниҳоят мураккаб ва пурзиддият буд. Агарчӣ дар ҳарбҳо аксар пирӯзӣ насиби ӯ мегашт, имкон намеёфт, ки дар як ҷо дер ва ором ҳукмдорӣ кунад. Муборизаҳои шадид ва ташвишҳои нав ӯро мунтазир буданд. Бо вуҷуди ин қадар зиндагии серташвиш ва пуризтироб фурсат ёфта қалам ба даст маърифат, таровишҳои дили пурэҳсос ба рӯи коғаз мерехт. Ҳолатҳои рӯҳии вай дар он замони пуртаҳлука ва нооромӣ дар асарҳояш инъикос гардидаанд.

Бобур дар ҳамаи шаклу жанрҳои анъанавӣ шеърҳо мегуфт, шеърҳои баланд мегуфт. Ғазалу рубоӣ, фарду қитъаҳои ӯ, ки бо туркию форсию арабӣ гуфта шудаанд, бо забон ва тарзи баёни ҷолиб, мазмуннокӣ ва рангорангии шаклию маънавӣ ҷолиби диққатанд. Ба комёбиҳои ғоявию бадеии эҷодиёти вай омӯзиши таҷрибаи устодони адабиёти Шарқ Султон Ҳусайн, Лутфӣ ва Навоӣ омили муҳим гардидаанд.

Бобур дар баробари девони шеърӣ боз асарҳое мисли «Мубаййин», «Волидийя» ва «Хатти Бобурӣ» ба мо мерос гузошт. Лекин «Бобурнома»-аш чӣ дар эҷодиёти вай ва чӣ дар адабиёти классикии ӯзбек мавқеи муҳимтаре дорад. Ин шоҳасар ба хазинаи адабиёти ҷаҳонӣ низ шомил гардидааст.

Шоҳ ва шоири нозуктабъ Бобур Мирзо ҳамагӣ 47 сол умр дид. Чанд соли охир умраш дар Ҳинд сари маснади шоҳӣ як қадар ором гузашт. Вале ёду хаёли вай ҳамеша дар ватан, дар Мовароуннаҳр, дар зодгоҳаш Андиҷон буд. Пазмонии диёр дилу ҷони ташнаю тафтаи ӯро мефишурд. Ва ҳузни талху ширини дар ниҳодаш рӯ зада дар шеърҳои муассири бӯи ватанкунандаи ӯ ифодаи худро ёфтаанд.

Оре, ёду хотири ёру диёр ҳамеша бедор дар дилу вуҷуди Бобури ватанпараст буд. Дар мулки Ҳинд нишонае аз ватан чун дарёфт, дилаш гум мезад ва дар навиштаҳои худ батакрор, бо як пазмонии дилу рӯҳи беқарор, ёд аз Андиҷон мекард.

... Ман низ зодаи Андиҷонам—дар шаҳре, ки Бобурро ба олами маънӣ тақдим доштааст, таваллуд ёфта ва ба камол расидаам. Ва чун фарзанди Андиҷон ҳис мекунам, ки дилу ҳисси ман ба эҳсоси Бобури бедордил ва зиндаёд то чӣ андоза наздик аст. Инро аз мутолиаи падидаҳои қаламиам низ пай бурдан душвор нест. Яке аз шеърҳои бо ёди Бобур навиштаам бо чунин сатрҳо ба охир мерасад:

**Бобур по ниҳода ҳар ҷойро бибӯсам, оҳ,**
**Гум кардат ӯву ман ба ту ёбам магар ки роҳ...**
**Ман бе ту чун касам, Андиҷон?**
**То ту магар расам, Андиҷон?**

Соли 1991 дар Ӯзбекистон «Соли Алишери Навоӣ» эълон гашт. Он сол мамлакат мустақилияти худро эълон намуд. Ва дар арафаи он айёми муборак ташрифи Раиси ҷумҳур ба сифати роҳбари мамлакати мустақил ба Ҳиндустон, ба зиёрати Бобуриён рост омад. Дар ин ҷо як рамз, як шарофати бобурона низ ба чашми нозукбин намоён аст.

Бо шарофати истиқлолият дар Андиҷон экспедитсияи илмии байналхалқӣ созмон ёфт ва номи Бобурро гирифт. Дар мавзеи Боғишамоли Андиҷон, ки борҳо дар «Бобурнома»-и Бобур зикр ёфтааст, қабри рамзии ин фарзанди сазовори диёр бунёд гардид. Муҷассамаи вай қомат афрохт. Хоке, ки аз қабри шоир воқеъ дар Афғонистон оварда шуд, ба болои ин қабри рамзӣ рехта шуд. Дилҳои ба Бобур ташна дар зодгоҳаш як қадар таскин ёфтанд.

Ҳамин тавр, Бобур бо маънои том гӯё ба диёри худ баргашт, қадри худро ёфт.

Аз Бобури шоҳ ва шоир, бунёдкору ободгар бисёр чизҳо ба мерос монд. Вале бузургтарин меросе, ки ӯ гузошт, фикр мекунам, накӯӣ аст. Накӯиҳои Бобур Мирзои накӯном.

Ният дорам, ба Афғонистон биравам. Ба шаҳри Кобул, ба зиёратгоҳе, ки бо номи «Боғи Бобур» машҳур аст. Мақбараи Бобур низ дар дохили ҳамин боғи гулафшон. Аз рӯи гуфтаҳо, ду бех чанори азимеро, ки дар оромгоҳ қомат афрохта, як замон худи Бобур Мирзо шинонда будааст. Ҳангоми зиёрати хокҷои бобои бузургамон аз дилам чиҳо хоҳанд гузашт, пешакӣ ҳис мекунам. Ҳис мекунам, ки дилу ҷони ӯ чӣ сон пазмони ватан, пазмони Андиҷони беҳ аз ҷонаш буд.

**Манам Бобури дур афтода аз ту,**
**Андиҷони ман,**
**Сияҳ шеърам magӯ, к-он акси**
**қалби хунчакони ман.**
**Натонам бар ту баргаштан зи Ҳинду**
**чашми ман пуроб,**
**Биҷӯшад шавқи дидори ту бар дил,**
**ҳам ба ҷони ман**

**Натонам, Андиҷон, бозомадан —**
**роҳам пур аз душман,**
**Самарқандам, ба худ хон ин Ҳумоюнам,**
**писарҷонам.**
**Худоҷон, илтиҷо аз ту: ту манмо**
**дарбадар рӯҳам,**
**Бидеҳ бар Бобуриён дар ватан ҷо —**
**бишкан армонам.**

**...Зи гап Бобури Мирзо мондаву чашмони**
**ӯ пурдард,**
**Зи беҳолӣ чӣ сон вомонда асту ҷони**
**ӯ пурдард.**
**Ду дасти ман ба рӯи дил бимонду**
**дод ҷони худ,**
**Бибурд андар вуҷуд ӯ ёри ҷон —**
**он Андиҷони худ.**

**Минҳоҷиддин МИРЗО,**
**котиби Иттиҳоди**
**нависандагони Ӯзбекистон.**

Ба пешвози 900-солагии Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ

# «Дар роҳи сафо илм барафроз мудом»

***Ба рӯзи ҷашни 900-солагии яке аз намояндагони барҷастаи илми тасаввуф, асосгузори тариқати «Хоҷагон» сарҳалқаи «силсилат-уз-заҳаб» (занҷири тиллоӣ), «Ҳафт пир» Абдулхолиқ Ғиҷдувонӣ фурсати кам мемонад. Дар зодгоҳи ӯ шаҳри Ғиҷдувон ва умуман вилояти Бухоро корҳои тайёрӣ-бинокорӣ бо суръати бемисл идома меёбад.***

***Мо ба ин муносибат боз бо мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи технологияи хӯрокворӣ ва саноати сабуки Бухоро, доктори илмҳои фалсафа Гулчеҳра Наврӯзова вохӯрда, дар ҳамин мавзӯъ суҳбат кардем.***

**—Моҳияти фаъолият, эҷодиёти Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ дар чист, ки номи ӯро дар арсаи олам (нӯҳ аср инҷониб ва албатта минбаъд низ) ҷовид гардондааст?!**

—Бузургии Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ дар он аст, ки вай барои ба ҳақ расидан илмро муҳим шуморидааст:

**Эй толиби ҳақ, ба дӯст пардоз мудом,**
**Дар роҳи сафо илм барафроз мудом.**
**Хоҳӣ, ки зи асҳоби шуурат хонанд,**
**Тақдири худо шуури худ соз мудом.**

Таълимоти Хоҷагон, ки Хоҷаи Ҷаҳон (А.Ғиҷдувонӣ) ба он асос гузоштааст, ба олам бо назари баланд, дили васеъ нигоҳ карда, дар ҳар як махлуқ ҷамол ва ҷалоли Худоро дидан, бо амри худо ба олам бо меҳру муҳаббат назар карданро тавсия мекунад. Ғиҷдувонӣ навиштааст:

**Хоҳӣ, ки Худо ба лутф ёри ту шавад,**
**В-аз ҳар ғаму ранҷ ғамгусори ту шавад.**
**Фармони худоиро нигаҳдорӣ кун,**
**То лутфи худо нигоҳдори ту шавад.**

Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ ҷонибдори меҳнат кардан ва ёфтани ризқи ҳалол аст. Вай аз тамаъ дур шуда, ба Худо таваккал намуданро лозим мешуморад:

**Рӯзии касон назди худо маълум аст,**
**Андешаи ризқ фикрати мавҳум аст.**
**Чун қисмати ту нарасад,**
**марав аз паи ризқ,**
**Рӯзии касон рӯзи азал мақсум аст.**

Хоҷаи Ҷаҳон сифати хуб будани хоксорӣ, иллат будани кибру ҳаворо таъкид намуда, мегӯяд, ки ҳар доиму ҳар нафас охиратро набояд фаромӯш кард.

Яке аз сифатҳои ҳамидае, ки лоиқи таҳсин мебошад, ин айбро пӯшондан (ниҳон доштани айб), озор надодани касе ва соҳиби хулқи хуб будан аст, мегӯянд Хӯҷаи Ҷаҳон. Ҳамчунин Абдулхолиқ ба масъалаи тарбияи нафс эътибори махсус медод. Ин нуктаро рубоии зерини ӯ собит месозад:

**Аз шӯҳрати хеш нафсро дод мадеҳ,**
**Худро ба миёни мардумон ёд мадеҳ,**
**Камному нишон бош, дар ин дер макун,**
**Зинҳор, ки дини хеш барбод мадеҳ.**

А.Ғиҷдувонӣ таъкид намудааст, ки дар роҳи тарбияи нафс хавф ва риҷо (умедворӣ) воситаи муҳим ба шумор меравад. Ва ин ғояи ӯ ҳанӯз қимати худро гум накардааст.

Аз мисраҳои зерин маълум мегардад, ки А.Ғиҷдувонӣ нур, файз, баракоти худоро таҷаллӣ мекарданд. Ишқи илоҳӣ сарпо вуҷудашонро фаро гирифта, ҳаёти худро барои ризогии Парвардигор бахшидаанд:

**З-он бода нахӯрдаам, ки ҳушёр шавам,**
**В-он маст наям, ки боз бедор шавам.**
**Як ҷоми таҷаллии ҷамоли ту бувам,**
**То аз адами вуҷуд безор шавам.**

Яке аз фазилатҳои Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ, ки лоиқи таҳсин ва ибрат мебошад, ҳурмат ва эҳтироми беандозаи ӯ нисбати устодаш Юсуфи Ҳамадонист. Агар асарҳои Хӯҷаи Ҷаҳонро таҳлил кунем, зуд пай мебарем, ки аз нисф зиёдтари он ба устодаш бахшида шудааст...

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

Соли маҳаллаи обод

# Тахту бахтам

Бо ҳамроҳии раиси маҳаллаи Сархумдор Маҳмуд Рашидов дар кӯчаҳое, ки соли маҳаллаи обод ба онҳо файз бахшидааст, қадам мезанам. Тирамоҳ аст. Барґҳои хушкшудаи дарахтон ба рехтан сар кардаанд. Вале кӯчаҳои хурд ва калони маҳаллаи Сархумдор, воқеъ дар ноҳияи Шайхонтоҳури пойтахт сари вақт рӯфта ва ҷӯйборҳо, чун дар аввали баҳор, пешопеш тоза карда мешаванд. Шаклдиҳии шохи дарахтони ду ҷониби роҳ ва хиёбонҳои маҳал тамоми сол давом мекунад. Зуд-зуд ҳашарҳо ташкил мешавад. Одамон аз ҳоли якдигар огоҳ мешаванд. Дасти дармондагон гирифта ва ба онҳое, ки ҳолати ночор доранд, ёрии моддию иҷтимоӣ расонда мешавад.

Ба худ меандешам, ки шарофати Соли маҳаллаи обод сокинони Сархумдорро, ки намояндагони миллатҳои гуногунанд, ба ҳам қаринтар сохтааст. Дар маҳалла 1500 нафар аҳолӣ истиқомат дорад. Қисми муайяни сокинонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Пурмазмун гузаронидани вақти холии аҳолӣ, хоссатан ҷавонон ва наврасон, ҷалб намудани онҳо ба варзиш, сари вақт гузаронидани тадбирҳои маънавӣ, зимни ба роҳ мондани равобит ва ҳамкории зич бо шӯъбаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ноҳия, бо шуғли доимӣ фаро гирифта шудани ҷавондухтарону писарони қобили меҳнат ҳамеша дар маркази диққати идораи маҳалла буду ҳаст.

Аз ин ҷост, ки бошандагони Сархумдор дар симои маҳалла такягоҳ ва маслиҳатгари худро мебинанд. Кайҳо эҳсос кардаанд, ки модели миллии худидоракунии шаҳрвандон маҳз маҳалла аст.

Миллати ман уйғур, бо ӯзбекӣ низ эҷод мекунам, аз байни тоҷикон дӯстони зиёде дорам. Таманнои он дорам, ки чун дар соли маҳаллаи обод ҳамасола маҳаллаҳо боз ҳам обод, ваҳдат ва ҳамгароии миллатро чун аъзоёни як хонадони озод мустаҳкамтар бошад.

**Зиҳӣ, эй соли пурфайзи маҳалла,**
**Зиҳӣ уммеди фардои дурахшон.**
**Зи ташрифи ту равшан дидаю дил,**
**Зафарҳои ту ҷон созад фурӯзон.**

**Қадамҳои ту меояд муборак,**
**Чу дастовард бар мо неъмат орӣ.**
**Зи ту пурфайз ҳар як хонадон аст,**
**Шукуфон аст аз ту ҳар диёре.**

**Маҳалҳо мешаванд обод аз меҳр—**
**Зи ҷӯши меҳри мардони дилобод.**
**Чӣ хуш, ин лаҳза мурғи ҳамгароӣ,**
**Парафшон дар фазои мулки озод.**

**Маҳалли ман бувад ин хонаи ман,**
**Ки хокаш дидаро чун тӯтиёест.**
**Танинандоз дар он савти шодӣ,**
**Маҳалла гӯиё оғози дунёст.**

**Маҳалла—ҳам падар, ҳам модари ман,**
**Ҳаётам, маънии умрам, нишотам.**
**Чӣ иқболу чӣ истиқболам он аст,**
**Зи он мустаҳкамии эътиқодам.**

**Маҳалла—рамзи умрам. Ҳастии ман,**
**Маҳалли ман—ғуруру ифтихорам.**
**Маҳалла—ин ватан, ин тахту бахтам,**
**Аз он боқист умрам. Бахтиёрам!**

**Тошпӯлод НЕЪМАТ,**
**нависанда.**




## Ҳар ҷо бошед, бо «Овоз» бошед!

*Мавсими асосии обуна ба нашрияҳои даврӣ фаро расид. Аслан дар ин солҳои охир «мавсими обуна» вуҷуд надорад, зеро ҳар хоҳишманд барои як моҳ, ду моҳ,... ним сол ва ё тамоми сол метавонад обуна шавад.*

*Ҳамчунин барои **«Овози тоҷик»**, ки рӯзномаи ягонаи сартосарии тоҷикии Ӯзбекистон аст. Ҳар касе, ки меҳре ба он дошта бошад, барояш фурсат расид, ки ба шӯъбаи алоқа муроҷиат намояд ва обунаро ба соли оянда расмӣ созад. Вагарна бе «Овоз» рӯзгор чӣ гуна мешавад!?*

***Индекси обуна:***

***барои шахсони алоҳида: 170***
***барои корхонаҳо: 171***

# Мақсади директор

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

—Муаллими фанни математика Азиз Исмоилов, омӯзгори синфи ибтидоӣ Раъно Неъматова, таълимдиҳандаи илми ҷуғрофия Самеъҷон Рустамов, омӯзгори фанни таърихи кишвару ҷаҳон Марҳабо Мирзоева, муаллими забони ӯзбекӣ (дар асоси ҳуруфи лотинӣ дар синфҳои I-XI ҳафтае 2 соат) Ҳамроқул Ҳасанов ашхоси меҳнатдӯсту тавоно ба шумор меравaнд, ки имрӯз дар ин марҳалаи душворгузар тибқи бартарафкунии садди роҳ—масъалаҳои талаби маориф дар қалби шогирдони шавқманди илм оташаки умедро фурӯзон мекунанд, — ба гуфтори хеш хотима медиҳад мусоҳибам.

Мақсад Ғаффорзода яке аз муштариёни серталабу нозукхаёлест, ки мудом дар саҳифаҳои нашрияи дилнишини «Овози тоҷик» иншоҳои судбахшу ҳадафрасу хотирнишин дарҷ ёбанду дархӯри қироату мутолаа бошанд, гӯён таманно мекунад. Хуллас, М.Ғаффорзода 15 сол ин ҷониб чун роҳнамои ҷамоаи омӯзгорӣ баҳри таҳрикёбии ҳаёти мактабиён ба нерӯи ҳусни таваҷҷӯҳи кулли роҳбарони синфу сарвари кумитаи падару модарон ва садри гузари Торинҷаки калон Шароф Неъматов такя менамояд, то ки наврасон аснои баромадан ба шоҳроҳи ҳаёти мустақилона ба кӯчаи сарбастаи ғофилӣ раҳгум назананд. Ва бидонанд, ки донишу некӣ нишонаи рӯшноиянд. Ба ин маънӣ бузургон фармудаанд:

**Нахуст аз илму дониш**
**баҳравар шав,**
**Зи ҷаҳлободи нодонӣ**
**бадар шав.**

Дар охирсухан ҳамехоҳам, ки дар кашфи олами маънавии навниҳолон Мақсад Ғаффорзода барин маърифатпарварони фидоӣ шоду амон бошанд ва пояи нахли сарсабзи мартабаи муаллимон аз вазиши боди номубораки беэътиноӣ асло коҳиш наёбанд!

**Р. РАҲИМОВ,**
ноҳияи УРГУТ.

Мужда аз Бухоро

## Аз рӯи барномаи шуғл

Аз оғози соли 2003 ба шӯъбаи меҳнат, шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҳокимияти Бухоро бо ариза 850 нафар муроҷиат намуданд, ки бештаринашон занонанд. Аз онҳо 629 нафарашон ба кор роҳхат гирифтанд, боқимондаҳо барои гирифтани ихтисос ва такмили малака роҳи хонданро пеш гирифтанд. Дар ин хусус роҳбари шӯъба Бекмурод Хоҷаев иттилоъ дод.

—Аз рӯи барномаи «Шуғли аҳолӣ—2003» бояд 4750 нафар бо кор таъмин мегардид. Муроҷиатнамудагон ба корхонаҳои истеҳсолӣ, нақлиёту алоқа, хоҷагии деҳот, ташкилотҳои сохтмон, соҳаи савдо ва хизмати сервисӣ фиристонда шуданд. Мувофиқи шартномаи «устову шогирд» беш аз сад нафар пешаҳои дӯзандагиву наҷҷорӣ ва кандакориву ошпазиро азхуд менамоянд.

Ҷойҳои нави корӣ дар корхонаи муштараки «Бухорогранит», ҷамъияти саҳҳомии «Истиқлол гули», «Бухоробалиқсаноатсавдо» ва шӯъбаҳои шаҳрии «Кафолат» ва «Бухоросавдо» ташкил карда шудаанд. Б.Хоҷаев қайд намуд, ки дар корхонаи муштараки «Леуат де Бухоро» анқариб сад ҷои корӣ муҳайё гардид. Аз ҳисоби инвеститсияҳои хориҷӣ дар ҷамъияти саҳҳомии «Бухоротекс» ва корхонаи муштараки «Зиёбахш Уни трайдинг» анқариб 500 ҷои корӣ ба вуҷуд оварда шуд. Ба ин кор вакилони корчаллонии хурду миёна саҳми худро мегузоранд.

Ба аҳолии камбизоат кӯмаки моддӣ расонда мешавад. Оилаҳои ниёзманде, ки бачаҳои то 16-сола доранд, нафақа мегиранд. Аз ҷониби маҳалла 4979 оила ба миқдори 164,1 миллион сӯм кӯмаки моддӣ гирифтанд.

**ОМИ «Туркистон-пресс».**

# Як роҳҳат ба «Австралиан опен»

***Чемпионати навбатии Осиё аз рӯи теннис бо он анҷомид, ки аз намояндагони Ӯзбекистон як нафар ширкат намуданро дар марҳалаи асосии мусобиқаи кушоди қаҳрамонии Австралия, ки яке аз чаҳор мусобиқаи бонуфузи ҷаҳонӣ аст, ба даст овард.***

Аммо ҷои аввалро на танҳо Вадим Кутсенко, балки ҷуфти Оқгул Амонмуродова ва Иванна Исроилова низ соҳиб гардиданд. Дар тафовут аз бозии ҷуфтҳо танҳо



**Чванг аз ғалаба мамнун.**

ғолибони яккаи байни мардҳо ва бонувон ба Австралия роҳ пеш мегиранд.

Гирудори финалии мусобиқаи ҷуфтҳо рӯзи шанбеи гузашта ба вуқӯъ пайваст, ки дар он ба ҷуфти ӯзбекистониён—Амонмуродова /Исроилова ҷуфти Чванг Чиа-Чунг/ Чан Чин-Вей аз Тай-Пейи Ҷумҳурии Мардумии Чин муқовимат намуданд. Бозӣ воқиан сазовори финал буд, ки дар се сет Иванна ва Оқгул ҳарифони худро мағлуб сохтанд: 6/2, 4/6, 6/4.

Ҷуфти Вадим Кутсенко ва Олег Огородови мо бошад, натавонист мисли духтарони теннисбозамон дар финал қувваозмоӣ намояд. Алексей Кедрюк (Қазоқистон) ва Айсом Қурайшӣ (Покистон) аллакай дар ду сет (6/4, 6/4) номи ғолибро маълум намуданд.

Агар дар финали ҷуфтҳо Кутсенко бо Огородов шарафи мамлакатро ҳимоя карда бошанд, дар мусобиқаи яккаҳо онҳо боз барои худ кӯшиш намуданд, зеро бисёре аз намояндагони тенниси Ӯзбекистон дар корт бар зидди ҳамдигар низ бозӣ карданд. Ва аз онҳо танҳо Кутсенко, ки ӯ ҳоло ракеткаи рақами якуми ҷумҳурӣ ва дар таснифи АТФ дар ҷои 229 мебошад, то финал расид. Ӯ дар нимфинал бо Ванг Ей-Тзуи Тай-Пейи Чин қувва озмуда, дар ду сет ӯро ба осонӣ мағлуб намуд: 6/2, 6/0.

Агарчӣ Вадим дар финал низ дар ду сет ҳарифи худро мағлуб намуд, ин ба ӯ хеле ба сахтӣ даст дод. Финалисти дигар ягона намояндаи Қазоқистон Алексей Кедрюк (424) то ин дам аллакай дар финали ҷуфтҳо бо ҳамроҳии варзишгари покистонӣ Кутсенко/ Огородовро мағлуб карда буд. Аз ин боис барои Кутсенко ва Кедрюк ин то андозае финали дуюм буд.

Эътибор ба гирудори финалии Кутсенко ва Кедрюк боз аз он ҷиҳат дар маркази диққат буд, ки ғолиби он ба чем-



**Зарбаи Кутсенко.**

пионати кушоди Австралия роҳхати бевоситаро ба даст меовард. Сети якуми бозӣ баъд аз тай-брек бо ҳисоби 6/7 ба нафъи Кутсенко ҳал шуда бошад, сети дуюм дар ҳавои асабонияти теннисбози Қазоқистон боз бо бołодастии Вадим анҷом ёфт: 6/2.

Ягона финале, ки дар он намояндагони як мамлакат рӯ ба рӯ гардиданд, қувваозмоии бонувон буд, ки бо ҳисоби ҳамонанди 6/4, 6/4 Чиа-Ҷунг Чванги тай-пейӣ ҳамватани худ Чен-Вей Чанро, ки онҳо якҷоя аз ҷуфти ӯзбекистонӣ дар финал мағлуб гардида буданд, таслим намуд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

**Суратгир: Ҳ. СОЛЕҲОВ.**

# Хабарҳо аз Сурхондарё

## Китоби нав

Нашриёти «Янги аср авлоди» (Тошканд) китоби олимон Бекмурод Қодиров ва Бобоназар Муртазоев—«Адабиёти ҷағониён» (асрҳои X-XI) «Ҷағониён адабиёти (X-XI асрлар»)-ро аз чоп баровард. Китоб дар бораи давлати Ҷағониён, ҳаёти иҷтимоӣ, маданӣ, ҷойгузинии он маълумоти саҳеҳ медиҳад. Китоб инчунин дар бораи адабиёт ва намояндагони он аз қабили Дақиқӣ, Тоҳири Ҷағонӣ, Бадсии Балхӣ маълумот ва аз эҷодиёти онҳо намунаҳо чоп кардааст.

## Оташи зангор

Боз як деҳа аз хоҷагии ширкатии «Тоқчиён»-и ноҳияи Сариосиё бо гази табиӣ таъмин карда шуд. Қубурҳои марказии газ ба ду километр ва лӯлаҳои газ дар дохили хоҷагӣ ба якуним километр хобонда шуданд. Барои ин аз буҷаи маҳаллӣ 44 миллион сӯм масраф гардид. Ҳоло дар ноҳияи Сариосиё қариб 15 ҳазор хонадон ё худ 73 ҳазор аҳолии ин мавзеъ аз гази табиӣ баҳра мебардоранд.

## Мумварақ

Дар ноҳияи Сариосиё боз як коргоҳи нав ба фаъолият шурӯъ кард. Мутахассисони маҳаллӣ бо ҳамкории коршиносони ноҳияи Попи вилояти Намангон истеҳсоли рубероид (мумварақ)-ро ба роҳ андохтанд.

Корхона ҳар рӯз 50 бастаи ин маҳсулотро тайёр намуда, мушкили корхонаҳои сохтмон ва аҳолии маҳаллиро осон менамояд.

**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабандӣ шуд.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи дуинтервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*
***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст.***
***Тартиби номнависшуда № 16. Г - 936***
Адади нашр 1100. 1 2 3 4 5 6

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **Т. ТӮХТАЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: Ҳ. Камолиддинова, Ф. Дониёрова.
Саҳифабанд: Х. Тӯхтаева.

Нишонии мо:
**700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ (тел./факс): 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.